*ТКБ 37.0*
*DOI:10.51844-2077-4990-2022-2-201-206*

# ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ИРТИБОТӢ ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

***Каримова Дилором Отахоҷаевна**, сармуаллими кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# РАЗВИТИЕ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ ПРИ ОБУЧЕНИИ ТАДЖИКСКОМУ ЯЗЫКУ

***Каримова Дилором Отаходжаевна,** старший преподаватель кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# DEVELOPMENT OF COMMUNICATIVE COMPETENCE IN TRAINING TAJIK LANGUAGE

***Karimova Dilorom Otakhodzhayeva,** senior lecturer of the department of methods of teaching Tajik language and literature under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand)*

***Вожаҳои калидӣ:** салоҳият, салоҳияти иртиботӣ, салоҳияти касбӣ, матнҳои тахассусӣ*

*Дар мақола сухан дар бораи шаклгирии салоҳияти иртиботӣ дар омӯзиши забони тоҷикӣ меравад.Қайд мешавад, ки ҳадафи асосии омӯзиши забони тоҷикӣ ташаккул додани салоҳияти коммуникатсионии донишҷӯён мебошад, ки асоси малакаҳои забонӣ ба ҳисоб меравад. Тазаккур меравад, ки дар таълими забони тоҷикӣ унсурҳои салоҳияти иртиботӣ, аз қабили таваҷҷӯҳи бештар ба оҳанги қироати матни назмӣ ва насрӣ, риояи одоби баҳс, муколама, саволу ҷавоб ва монанди инҳо истифода мешаванд. Дар таълими забони тоҷикӣ ташаккули салоҳияти коммуникативӣ бидуни омода намудани малакаҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ғайриимкон аст. Муаллиф дар натиҷаи баррасии ин мавзӯъ ба ин натиҷа расидааст, ки донистани маводи луғавӣ ва грамматикӣ ташаккули малакаҳои муоширатро таъмин намекунад. Ин малакаҳо тавассути ҷалб кардани донишҷӯ ба раванди таълим, афзоиши омили ҳавасмандгардонӣ, ҳалли мушкилоти муайяни педагогӣ дар раванди таълим, қобилияти кор бо маводи таълимӣ бо мақсади истифодаи он дар соҳаҳои муайян ташаккул меёбанд.*

***Ключевые слова**: компетентность, коммуникативная компетентность, профессиональная компетентность, тексты по специальности*

*В статье говорится о формировании коммуникативной компетенции при изучении таджикского языка. Отмечается, что основной целью изучения таджикского языка является формирование коммуникативной компетенции студентов, которая считается основой языковых навыков. Следует отметить, что при обучении таджикскому языку используются элементы коммуникативной компетенции, такие как уделение большего внимания интонации, декламации поэтических и прозаических текстов, соблюдение этикета обсуждения, диалога, вопроса и ответа и т.п. В обучении таджикскому языку невозможно развитие коммуникативной компетенции без подготовки навыков устной и письменной речи. В результате изучения данной темы автор пришел к выводу, что знание лексики и грамматики не обеспечивает развития коммуникативных навыков. Эти умения формируются за счет вовлечения студентов в образовательный процесс, повышения мотивационного фактора, решения определенных педагогических задач в образовательном процессе, умения работать с учебными материалами с целью их использования в определенных областях.*

***Key words:** competence, communicative competence, professional competence, specialized texts*

*In her article the author speaks about communicative competence formation in the study of the Tajik language. It is underscored that the main goal beset with the Tajik language teaching is considered to be students' communicative competence formation being the basis of language skills. It is worth mentioning that while teaching the Tajik language, elements of communicative competence are resorted to, such as paying more attention to recitation of poetic and prose texts intonation, observing the etiquette of discussion, dialogue, question and answer etc. In teaching the Tajik language, communicative competence development is impossible without oral and written speech skills preparation. As a result of studying the theme explored, the author came to the conclusion that knowledge of vocabulary and grammar does not*

*ensure the development of communication skills. These skills are formed by involving students in the educational process, increasing the motivational factor, solving certain pedagogical problems in the educational process, and the ability to work with educational materials in order to use them in certain areas.*

Муносибати босалоҳият дар таълим падидаи нав набуда, онро мардуми тоҷик ҳазорсолаҳо инҷониб истифода мебаранд. Чи тавре ки таърих гувоҳ аст, шахсони соҳибкасб таҷрибаи худро ба насли наврас интиқол медоданд ва онро аз як насл ба насли дигар ба мерос мегузоштанд. Моҳияти муносибати босалоҳият ҳамин аст: хонандаи бомаърифат дорои малака ва маҳорат мегардад.

Аз ин рӯ, мактаби муосир дар назди омӯзгор мақсад ва вазифаҳои нав, ба мисли такмили маҳорати касбӣ, истифодаи технологияи нави педагогӣ, рушди тафаккур, инкишофи нутқ, ташаккули қобилияти ягон амалро иҷро карда тавонистан ва истеъдоди эҷодии хонанда, ҳавасманд намудани толибилм ба худомӯзӣ, аз болои худ кор кардан, худташаккулдиҳӣ, ҳамкорӣ, омӯзиш аз манъбаҳои иловагӣ, ташаккули босалоҳият, истифода аз меъёрҳои бисёрхолаи баҳодиҳӣ ва ғайраро мегузарад. Дар раванди дарс дар муносибати таълими салоҳиятнокӣ вазифаи омӯзгор донишҷӯёнро наомӯзонида, балки амалиёти онҳоро раҳнамойӣ кардан ва ҳавасманд гардонидан, инчунин фаъолияти таълимиро ба танзим даровардан мебошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф ва таълиму тарбияи насли ҷавон ва ояндасози ҷомеа таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир менамоянд. Сарвари давлат дар бораи вазифа ва мақоми омӯзгор чунин баён кардаанд: «Ҳадафҳои созандаи давлат ислоҳоти бо мароми маориф, беҳтар кардани сифати таълим, баланд бардоштани маъсулияти омӯзгор мебошад, зеро калиди ҳамагуна дастовардҳо, пешравӣ ва истиқлолияти фикри омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия имкон фароҳам меоварад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд".

Ба андешаи профессор Негматов С.Э. "Моҳияти салоҳиятмандии хонанда, чунин аст: татбиқи амалии донишҳои фаннӣ (аз ҷумла забони русӣ) рукни асосӣ ва муҳими раванди таълим маҳсуб мeёбад; салоҳиятмандӣ ҳаргиз таълим дода намешавад, балки ташаккул додаву рушд мeёбад; - дар синфҳои ибтидоӣ салоҳиятмандӣ маҳорати дарк ва дуруст фаҳмидани маводи таълим аст; он ҳамчунин маҳорати истифодаи воситаҳои забон (калима, ибора, ҷумла) дар баёни матлаб шуморида мешавад;салоҳиятмандии хонанда дар фаҳмидан ва дарки қоидаву қавоиди забон (овоз, ҳарф, зада, интонатсия) инъикос мегардад; салоҳиятмандии муаллим дар интихоби роҳу усули самарабахши баёни маводи таълим аст".

Дар шароити имрӯза хатмкардаи муассисаи олиро лозим аст, ки ба ҳаёти мустақилона омода бошад, таҷрибаҳои иҷтимоӣ, маънавӣ ва маърифатии гирифтаашро дар ҳаёт истифода карда тавонад, дарси дурусти муносибат, рафтор ва амалро интихоб карда тавонад. Ташаккули муносибати босалоҳият пеш аз ҳама, мазмуни мақсадгузорӣ ва натиҷаҳои ба дастоваранда интихоби мазмуни таълимӣ вобаста мебошад. Яке аз роҳҳои асосии ташаккули муносибати босалоҳият дар хонандагон бедор намудани ҳавасмандӣ ва ҳисси масъулиятшиносӣ дар истифодаи малакаву маҳорати таълимӣ дар ҳаллу омӯзиши силсилаи масъалаҳо ва маводи амалию назариявӣ мебошад. Муносибати босалоҳият ба таълим тамоюли муҳим дар фазои ягонаи таҳсилот ба шумор рафта, барои аз байн бурдани мухолифати байни талаботи барнома бо эҳтиёҷоти ҷомеа, инчунин талаботи шахсро дар натиҷаи омӯзиш қонеъ мегардонад. Талаботи нав барои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар сатҳи стандартҳои байналмилал таҳия ва татбиқи муносибати босалоҳият ба таълимро ба вуҷуд меорад. Яке аз махсусияти муносибати босалоҳият ба таълим дар он зоҳир мешавад, ки он ҳамчун маҷмӯи ягонаи истифодаи дониш, малака ва маҳоратҳо мебошад.

Ҳар як донишҷӯ ба дарс бо сатҳи гуногуни салоҳиятҳо меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як донишҷӯ аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул мебошад.

Аҳамияти таълими фанни забон, аз ҷумла, дар факултетҳои ғайрифилологӣ ва нақшу мақоми он, пеш аз ҳама, барои ҳаёти ҳамарӯзаи одам, дар омӯхтани фанҳои дигари таълимӣ ва рушди тамаддун ифода

мeёбад. Бинобар ин, маълумоти ибтидоӣ дорои ду вазифаи асосӣ—амалӣ ва маънавию маърифатӣ мебошанд.

Аҳамияти амалии таълими фанни забон дар ин зина дар фаҳмиши олами воқеӣ, унсурҳою шаклҳои муносибати фазоӣ ва миқдорӣ мансуб мeёбад. Таълими забон дар муассисаҳои олӣ

имкон медиҳад, ки донишҷӯён қобилияти зеҳнию мантиқии хешро ташаккул диҳанд. Масъалаҳои асосӣ аз инҳо иборанд:

— ташаккул додани тасаввурот оид ба забон, малакаҳои устувори хондан, навиштан ва дар амал татбиқ кардан;

— фарогирии таҷрибаҳои аввалини устодон;

— ташаккул додани малакаҳои ибтидоии шарҳи амалиёти фардӣ ва инкишофи малакаҳои шифоҳӣ, таълими истифодаи аломатҳо ва номҳои асосӣ;

— мусоидат ба инкишофи шахсияти донишҷӯ, рушди тафаккур, ташаккули фаъолии зеҳнӣ ва иртиботии донишҷӯён;

— кӯмак ба ташаккули тасаввурот оид ба забон ҳамчун илм, ба ҷамъбасти ҳодисаҳо ва дарки муҳити воқеӣ;

— инкишофи дониш, маҳорат ва малакаҳое, ки барои донишҷӯён дар ҳаёт ва давом додани таҳсил дар мактаби асосӣ заруранд.

Омӯзиши забони тоҷикӣ дар ҷомеаи муосир барои тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои гуногун лозим буда, он ба болоравии минбаъдаи касбиашон аз бисёр ҷиҳат таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, донишгоҳ бояд ба муҳассилин дониши муайяни забониро таъмин созад, вале набояд фаромӯш кард, ки муваффақияти таълим асосан аз усули таълими забони тоҷикӣ дар асоси ҳалли масъалаҳои мушаххаси забонӣ сурат мегирад. Ташаккули салоҳияти иртиботӣ ба омӯзиши забони тоҷикӣ мусоидат мекунад, истифодаи он қобилияти донишҷӯро ташаккул медиҳад, ки имрӯз дар байни хатмкардагони донишгоҳҳои ғайрифилологӣ пурра донистани забони тоҷикӣ мусбат арзёбӣ мешавад.

Дар мақола асосҳои назариявӣ ва амалии зарурат ва аҳамияти ташаккули салоҳияти иртиботӣ тавассути омӯзиши забони тоҷикӣ, инчунин роҳҳои бартараф кардани мушкилот дар раванди таълим оварда шудааст.

Асосҳои илмӣ ва назариявии муносибати иртиботӣ дар асарҳои олимони ватанӣ Қ.Мухторӣ, А.Алиев, Б.Нусратов, Н.Қодиров, М.Иргашева, Қ.Зиёев, Э.Ҷонмирзоев, Ф. Мирниёзов китобат шудааст.

Бояд таъкид намуд, ки муносибати босалоҳият ба таълим аслан масъалаи нав нест, он ҳанӯз дар сароғози рушди бонизоми назарияҳои илми педагогика ба вуҷуд омада буд, дар давраҳои гуногуни инкишофи ин соҳа дар кишварҳои гуногуни олам, аз ҷумла собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки ҷомеаи имрӯзаи мо низ меросхӯри бевоситаи низоми илмиву таълимии он мебошем, аз ҷониби педагогҳо, олимони ҷудогона истифода мешуд ва он дар асарҳои ҷудогонаи онҳо таъкид мегардид.

Омӯзиши забони тоҷикӣ марҳилаи бевоситаи инкишоф ва худинкишофдиҳии дониши муҳассилин мебошад, аз ин сабаб ба забони тоҷикӣ бояд ҳамчун ба фанне муносибат кард, ки он ташаккулдиҳандаи маҳорату малакаҳои амалӣ мебошад. Ҳадафи асосии омӯзиши забони тоҷикӣ ташаккул додани салоҳияти коммуникатсионии донишҷӯён мебошад, ки асоси малакаҳои забонӣ ба ҳисоб меравад. Рушди салоҳияти коммуникатсионӣ аз дониш ва малакаҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию лингвистӣ вобаста аст, ки робита бо ҷомеаро таъмин месозад ва ҳамчун шахсият дар ҷомеа шинохта шудан саҳм мегузорад. Масалан, жанрҳои нутқ дар фанни забон ҳамчун унсурҳои салоҳияти иртиботӣ таълим дода мешаванд, дар салоҳияти иртиботӣ таваҷҷӯҳ бештар ба оҳанги қироати матни назмӣ ва насрӣ, риояи одоби баҳс, муколама, саволу ҷавоб ва монанди инҳо равона карда мешавад. Аз ин рӯ, фарқи унсурҳои салоҳияти коммуникативиро дар ин се зина чунин нишон додан мумкин аст:

Салоҳиятҳои коммуникативии асосӣ "*Маҳорати истифодаи усулҳои гуногуни коммуникатсия: қабул ва интиқоли иттилоъ (шифоҳӣ, хаттӣ, аёнӣ-графикӣ, ғайризабонӣ, бо истифодаи алоқаҳои рақамӣ) ҳангоми муошурати хусусӣ, таълимӣ, ҷамъиятӣ ва касбӣ*"-ро дар бар мегиранд[5,с.21].

Салоҳияти иртиботии асосӣ

- маҳорати танзим, мутобиқсозии усулҳо ва воситаҳои муошират вобаста ба вахъияти нутқ (мақсад ва мавзӯи коммуникатсия, имкониятҳо ва махсусияти дарк аз ҷониби ҳамсӯҳбат ва м. инҳо);
- вобаста ба мавзӯъ моҳирона истифода кардани мафҳумҳо, истилоҳот ва услуби муошират, ки ба соҳаҳои илм, техникава фарҳанг мансубанд;
- маҳорати равшан ва некбинона (аз нигохи равонӣ ғазабнок нашуда) иброз намудани эътиқодот, эҳсосот, арзишҳо, манфиатҳо ва талаботи худ;
- ҳангоми мубоҳиса, муҳокима, гуфтугӯҳо мустақилона баён кардани мулоҳизаҳо ва андешаҳои худ дар асоси далелҳои дақиқ ва равшан;

- қобилияти ба тарзи интиқодӣ баҳо додан ба мазмун ва усули муошират дар шароити коммуникативии гуногун.
- маҳорати ибрози норизоии худ нисбат ба фикри дигарон бо риояи эҳтиром, эътирофи арзишмандии нуқтаи назарҳои гуногун;
- қобилият ва хоҳиши фаъолона ҳамкорӣ намудан дар рушди фарҳанги муколама дар гурӯҳ ва ҷомеа, муносибати некбинона ва эродҳои танқидӣ;

Салоҳияти забонӣ-иртиботӣ асосан ба инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ равона шуда, дар ин ҷо таваҷҷӯҳи асосӣ ба табдили нутқи хаттӣ ба шифоҳӣ ва баръакс, шифоҳӣ ба хаттӣ аст[7,с.116]. Салоҳиятҳои адабӣ-иртиботӣ бояд бо салоҳияти иртиботии асосӣ ва забонӣ алоқамандии мустаҳкам дошта бошанд ва онҳоро тақвият диҳанд. Мо онҳоро ба тариқи зайл пешниҳод менамоем, ки албатта, ҳанӯз ниёз ба такмил доранд:

Салоҳияти адабӣ-куоммуникативӣ

- маҳорати танзим, мутобиқсозӣ, мувофиқсозии қисматҳои ҷумла;
- баёни мунтазам, пай дар пайи мақсад, риояи тартиби содиршавии воқеаҳо ҳангоми нақл;
- оқилона истифода намудани воҳидҳои луғавии забон, истифодаи калимаҳои архаистӣ ва таърихӣ вобаста ба замони воқеаҳо, калимаҳои адабии китобӣ ва муродифҳои умумиистеъмоли онҳо ҳангоми баёни фикр;
- нақли озодона ва оқилонаи (дониста, дарк намуда) зарофатҳо, латифаҳо; бо мақсади фикр алоқаманд карда тавонистани порчаҳои назмӣ ва насрӣ, бамаврид, вобаста ба мавзӯи суҳбат иқтибос кардани гуфтаҳои шоиру нависандагон, панду ҳикматҳои мардумӣ;
- маҳорати ифодаи эҳсосоти мусбат ва манфӣ ҳангоми нақли сужети асари бадеӣ, ҳангоми қироати шеър;
- ҳангоми мубоҳиса, муҳокима, гуфтугӯҳо мустақилона баён кардани мулоҳизаҳо / андешаҳои худ бо иқтибосҳо аз осори назм ва наср.

Салоҳияти иртиботӣ (коммуникатсионӣ) ғарқшавии донишҷӯро ба умқи забономӯзӣ водор мекунад, ҳадафи асосии он бедорсозии завқу ҳаваси донишҷӯён аст, аввал бо забони тоҷикӣ озодона сухан гуфтан, сипас бо он фикр карданро меомӯзонад. Имкониятҳои татбиқи салоҳияти коммуникативӣ дар факултетҳои филологӣ нисбат ба факултетҳои ғайрифилологӣ зиёдтар аст. Барои касе пӯшида нест, ки дар факултетҳои ғайрифилологӣ ҳангоми омӯзиши забони тоҷикӣ як қатор мушкилот бо чунин сабабҳо ба миён меоянд:

1) бештар ба таълими фанҳои тахассусӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карда мешавад ва ҳангоми омӯзиши забони тоҷикӣ, аксарияти донишҷӯён ҳаваси азхудкунии забони тоҷикро надоранд;

2) дар факултетҳои ғайризабонӣ, аксар вақт дар як гурӯҳ донишҷӯёне таҳсил мекунанд, ки сатҳи гуногуни забономӯзӣ доранд, аз ин лиҳоз донишҷӯёне, ки мехоҳанд бештар забон омӯзанд ҳавасмандӣ паст гардида, шавқи донишҷӯёни заиф ба забономӯзӣ мушоҳида карда мешавад;

3) миқдори соатҳое, ки барои омӯхтани забони тоҷикӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ ҷудо карда шудааст, имкон намедиҳад, ки забони тоҷикӣ дар сатҳи зарурӣ аз худ карда шавад.

Таълими самарабахш муаллимонро даъват мекунад, ки дар раванди таълим муайян намояд, ки кадом корҳоро ба анҷом расонанд. Тибқи андешаи Ричардс, бисёр чиз аз маҳорату малака ва сифатҳои шахсии омӯзгор вобаста аст [3, с. 45].

Ҳамин тавр, омӯзгори факултетҳои ғайризабонӣ бояд роҳҳои ҳалли мушкилоти дар боло зикршударо дар раванди таълим муайян кунад. Ин масъалаҳо бояд аз ҷониби муаллим бартараф карда шаванд, то ки дар донишҷӯён маҳорати навоварона ташаккул ёбад, хусусиятҳои ҳар як муҳассилин дар ҷараёни таълим аз ҷиҳати интиқодӣ муайян карда шавад. Роҳҳои беҳтарнамоиии сифати таълим мавҷуд аст ва таваҷҷӯҳи донишҷӯ дар раванди таълим бояд ба забономӯзӣ бештар гардад. Муносибати коммуникативӣ ба он асос ёфтааст, ки муваффақияти омӯзиши забон ба истифодаи бевоситаи он алоқаманд аст. Вақте ки донишҷӯён ба муошират воқеӣ машғул мешаванд, хоҳиши азхудкунии забон пайдо мешавад - маҳз ҳамин ба онҳо имкон медиҳад, ки забонро истифода баранд. Яке аз омилҳои муҳими омӯхтани забони тоҷикӣ щавқу ҳавас буда, ҳаваси дохилӣ ба муваффақияти тӯлонӣ оварда мерасонад. Ҳаваси беруна бештар ба комёбии кӯтоҳмуддат оварда мерасонад. Дар асоси омилҳои дар боло зикршуда, муаллим бояд шавқи омӯзишро дар байни донишҷӯён бедор кунад ва ба худтакмилдиҳии донишҷӯён дар раванди таълим мусоидат намояд. Дар асоси имкониятҳо омили ҳавасмандкунӣ, роҳҳои ҳалли масъалаи нахустинро баррасӣ хоҳем кард, яъне тағийр додани ҳавасмандии беруна ба дохила:

- таъсиррасонӣ ба рафтори мустақим нисбат ба ҳадафҳои мушаххас (дурнамои вазифа);
- ҳавасмандкунии босубот дар фаъолияти таълимӣ (ҳавасмандии иловагӣ);

- баланд бардоштани салоҳияти маърифатӣ (донишҷӯёне, ки ба фаъолияти касбӣ ҳавас доранд, маълумотро аз манбаъҳои иловагӣ, сомонаҳо истифода мебаранд), ки ин дар навбати худ боиси инкишофи салоҳияти коммуникативӣ мегардад.

Ҳалли масъалаҳои марбут ба тафовути маърифати муҳассилинро метавон тавассути сатҳи дониши онҳо бо ташкили гурӯҳҳо, ки аз инҳо иборатанд :

- интихоби донишҷӯён аз рӯи сатҳи дониш (гурӯҳи A, B, C);
- банақшагирии раванди таълим тавассути дараҷаи инкишофи нутқи донишҷӯ;
- имкони интиқоли донишҷӯ ба гурӯҳи дорои сатҳи баланди дониш;

Ҳалли масъалаи сеюмро бевосита тавассути истифодаи унсурҳои салоҳияти коммуникатсионӣ ҳангоми кор бо матн пешниҳод кардан мумкин аст. Муносибати коммуникатсионӣ ба забон хусусиятҳои мухталиф дорад, ки онро аз усулҳои қаблӣ фарқ мекунанд:

-фаҳмиш тавассути ҳамкории фаъолонаи донишҷӯён бо забони тоҷикӣ, бо ҷалби чунин усулҳо баланд бардоштани малакаҳои муошират, ба монанди видео, тахтаи электронӣ, бозиҳои грамматикӣ ба амал меояд;

-омӯзиш бо истифодаи матнҳо сурат мегирад;

-донишҷӯён на танҳо забонро меомӯзанд, балки онҳо дар раванди аз худ кардани забон дониши иловагии лингвистӣ ва маърифатӣ низ пайдо мекунанд;

-истифодаи забони нав дар заминаи такрори сохторҳои гуногуни нутқ барои омӯзиши беруназсинфӣ барои худинкишофдиҳӣ имконият фароҳам меорад [2. с. 15] (имконияти муоширати беруназсинфӣ).

Барои пурсамар гардидани раванди таълим муаллим бояд дар раванди гузаронидани дарсҳо дастурҳо ва тавсияҳои методиро риоя кунад:

- такрори муттасилаи мавод шарти зарурии азхудкунии воҳидҳои луғавию грамматикӣ мебошад.
- маводи таълим ба забони тоҷикӣ бояд қисм ба қисм, дар ҳамҷоягӣ бо маҳфилҳои таълимӣ ва бозиҳои грамматикӣ пешниҳод карда шавад.
- бояд ба машқҳо ва шартҳои матнҳои иртиботӣ таваҷҷӯҳ кард, зеро он забономӯзиро ҳамчун воситаи муошират таъмин мекунад.
- ташкили кори гурӯҳӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ марҳилаи хеле муҳим дар инкишофи салоҳияти коммуникативии донишҷӯён мебошад (музокира). Дар лаҳзаҳои гуногуни дарс, ҳадафҳо метавонанд вобаста аз мавод фарқ кунанд, ки ба донишҷӯён барои истифодаи забон мусоидат мекунанд, аммо бояд бештари вақтро ба кор бо матн ҷалб кард, ки дар навбати худ имконияти ташаккул додани малакаҳои донишҷӯён мегардад. Аксарияти донишҷӯён ҳангоми мутолиаи матн ғайрифаъол мешаванд. Омӯзгор машқҳои одиро метавонад пешниҳод кунад, машқҳои мушкилро ҳам интихоб карда метавонад, аммо омили ҳавасмандкуниро набояд фаромӯш кард. Интихоби матн набояд тасодуфӣ бошад, матн бояд ба талаботи муҳассилин ҷавобгӯ бошад. Донишҷӯён инчунин бояд дониши базавӣ дошта бошанд, мавзӯъҳо бояд ба самти касбияти онҳо равона бошад. Истифодаи қисмҳои хурди матн, калимаҳои калидӣ, ибораҳо, нигоҳдории луғат ба фаъол сохтани малакаҳои луғавӣ дар луғатомӯзӣ ва дарки маъно мусоидат мекунад. Сархатҳо дар ҳар як матн бояд аниқ муайян карда шаванд. Муаллим бояд ҳамеша дар хотир дошта бошад, ки ҳадафи асосӣ муошират ва қобилияти шарҳи вазъ мебошад. Пас, ҳангоми кор бо матн метавонад аз чунин усулро истифода барад: -ба донишҷӯён матни тахассусӣ пешниҳод намоед, то ки дар бораи масъалаи мушаххас маълумоти муфид гиранд.

-машқро барои барқарорсозии мазмуну мундариҷаи матн бо воситаи иваз кардани воҳидҳои луғавӣ анҷом диҳед, ки ин дар навбати худ ба инкишофи хотира, ки ҳам дар хотир доштани воҳидҳои луғавӣ ва ҳам ибораҳои рехта мусоидат мекунад.

- тести бисёрҷавоба имкон медиҳад, ки малакаҳои забонӣ такмил ёбад, қобилияти донишҷӯён барои фаҳмиши матн, унсурҳо ва сохторҳои грамматикӣ арзёбӣ гардад;

-машқҳо бо шартҳои пурра намудани ҷумлаҳои нопурра ё иваз кардани ибора барои инкишофи тафаккур кӯмак мекунад, фаҳмиши мувофиқати ҷумлаҳо ва қисматҳои матнҳои якдигарро меомӯзонад;

-машқи мувофиқат намудан: тафсири калима, шарҳи калимаҳои душворфаҳм қобилиятҳои маърифатиро тамрин намуда, ба рушди хотира мусоидат мекунад.

-посух ба саволҳои мушаххас фикру мулоҳизаҳоро дар гурӯҳ бармеангезад, малакаҳои иртиботиро фаъол месозад.

- супоришҳои марбут ба ҳалли масъалаҳои бавуҷудомада (симулятсияҳо), ки дар ҳолатҳои касбӣ имконпазиранд, роҳи самараноки ба даст овардани малакаҳои касбӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, ташаккули салоҳияти коммуникативӣ бидуни омода намудани малакаҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ғайриимкон аст, аммо донистани маводи луғавӣ ва грамматикӣ ташаккули малакаҳои

муоширатро таъмин намекунад. Ин малакаҳо тавассути ҷалб кардани донишҷӯ ба раванди таълим, афзоиши омили ҳавасмандгардонӣ, ҳалли мушкилоти муайяни педагогӣ дар раванди таълим, қобилияти кор бо маводи таълимӣ бо мақсади истифодаи он дар соҳаҳои муайян ташаккул меёбанд.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 1. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ. - Душанбе, 2016.-65с.
2. Банақшагирии дарс дар асоси стандартҳо, китоби дарсӣ ва замимаҳо (Дастур барои омӯзгор). Модули 2. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ.- Душанбе, 2016.-73с.
3. Лутфулоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик (Осори педагогӣ , ҷилди 6).–Душанбе. – 2015,-704 с.
4. Методика дар низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 3. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ.- Душанбе, 2016.-141,-с.5.
5. Мухторӣ Қ., Сафин Д., Кабиров Н... Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ.-Душанбе, 2018.-С.21.
6. Низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 1. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А.,Нусратов Б.,Ҷонмирзоев Э.,Қодиров Н.,Иргашева М.,Зиёев Қ.-Душанбе, 2016.-36с.
7. Сафин Д., Мусина Р., Мухторӣ Қ., Қурбонов С. ва диг. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимӣ . -Душанбе, 2007.- с. 37
8. Стандарт ва барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-11”-Душанбе, 2018.-116 с.
9. Шербоев, С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ.(Барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олии Тоҷикистон). Нашри 2, Бо Таҳрир ва иловаҳо.–Душанбе: Сабрина,–2012, 458 с.
10. Шогунбек Б, Имомназаров Б. Усули муосири таълим ва истифодаи он дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик.–Душанбе. –2017, 111 с.
11. Эмомалӣ Раҳмон “Суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ” 30.08.2017с. шаҳри Душанбе [манбаи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj (санаи истифода: 11.10.2017).


**REFERENCES:**


1. Assessment in the competence education system (Teacher`s Book). Module 1. Authors: Niyazov F., Aliyev A.,Nusratov B.,Jonmirzoev E.,Kadirov N.,Irgasheva M.,Ziyoev K.– Dushanbe, 2016. - 65 p.
2. Lesson planning based on standards, textbook and supplements (Teacher's Book). Module 2. Editors: Niyazov F., Aliyev A., Nusratov B., Jonmirzoev E., Kadirov N., Irgasheva M., Ziyoev K. - Dushanbe, 2016. – 73 p.
3. Lutfuloev M. National pedagogy of the Tajik people (Pedagogical works, volume 6). - Dushanbe. - 2015, - 704 p.
4. Methodology in the competence education system (Teacher`s Book). Module 3. Editors: Niyazov F., Aliyev A.,Nusratov B.,Jonmirzoev E.,Kadirov N., Irgasheva M., Ziyoev K.-Dushanbe,2016.-141 p.
5. Mukhtori K., Safin D., Kabirov N... Application of competent approach in teaching natural sciences and information technology. - Dushanbe, 2018. - P. 21.
6. Competency training system (Teacher`s Book). Module 1. Editors: Niyazov F., Aliyev A., Nusratov B., Jonmirzoev E., Kadirov N., Irgasheva M., Ziyoev K. - Dushanbe, 2016. – 36 p.
7. Safin D., Musina R., Mukhtari K., Qurbanov S. and others Methods of teaching and interactive learning. Educational guide. – Dushanbe, 2007. - p. 37
8. Tajik language standard and program for grades 5-11"-Dushanbe, 2018. - 116 p.
9. Sherbaev S. Methodology of Tajik language teaching. (For students of philological faculties of higher schools of Tajikistan). The second edition. With Editing and additions. - Dushanbe: Sabrina, - 2012, 458 p.
10. Shogunbek B, Imomnazarov B. Modern teaching method and its use in Tajik language and literature classes. - Dushanbe. -2017. - 111 p.
11. Emomali Rahmon "Speech on the occasion of the Day of Knowledge and the opening of the new building of the Academy of the Ministry of Internal Affairs" 30.08.2017 p. Dushanbe [electronic resource]. URL: http://www.prezident.tj (date of use: 11.10.2017).